**РАИСИ**
**НОҲИЯИ ФИРДАВСИИ**
**ШАҲРИ ДУШАНБЕ**

# ҚАРОР

аз «18» 02 соли 2021, № 35

Дар бораи ворид намудани тағйирот ба қарори Раиси ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе аз 10 апрели соли 2019, №72

Бо мақсади баланд бардоштани сифати хизматрасонӣ, ҷорӣ намудани тартиби ягонаи ҷамъоварии маблағҳои хизматрасониҳои пулакӣ ва беҳтаргардонии фаъолияти молиявию иқтисодии корхонаи воҳиди давлатии «Нақлиётҳои махсус оиди кашонидани партовҳои сахти маишӣ» ва Нозироти «Идоракунӣ ва хизматрасонии фонди манзил» дар ноҳия, таъмин намудани нишондодҳои мусбати иқтисодӣ ва беҳтар намудани вазъи молиявию техникии онҳо, дар асоси фармоиши шуъбаи Хадамоти зиддиинҳисории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Душанбе аз 3 феврали соли 2021, №8 «Дар бораи тасдиқ намудани Нархномаҳои «Тарифҳои хизматрасонии партовбарорӣ дар ноҳияҳои шаҳри Душанбе», мутобиқи моддаҳои 19 ва 20 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ» ва моддаи 56 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» қарор мекунам:

1. Ба қарори Раиси ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе аз 10 апрели соли 2019, №72 «Дар бораи тарифҳои хизматрасониҳои партовбарорӣ ва хизматрасонии фонди манзил дар ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе» тағйироти зерин ворид карда шавад:

- банди 1 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

« 1. Ҷиҳати ба роҳ мондани фаъолияти самараноки молиявию иқтисодии корхонаи воҳиди давлатии «Нақлиётҳои махсус оиди кашонидани партовҳои сахти маишӣ»-и ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе аз 1 марти соли 2021 барои як истиқоматкунанда дар 1 моҳ бо тариқи зерин тасдиқ карда шавад:

- дар хонаҳои ободи бо қубурҳои партовпартоӣ муҷаҳҳаз (9-16 ошёна) – 3,70 сомонӣ;
- дар хонаҳои ободи бе қубури партовпартоӣ – 3,00 сомонӣ;
- дар ҳавлиҳои шахсӣ – 4,30 сомонӣ;
- дар ҳавлиҳои ободнашуда (баракҳо) – 4,10 сомонӣ;
- барои муассисаҳои буҷетӣ барои 1м$^3$ – 38,00 сомонӣ;
- барои ташкилоту корхонаҳои тиҷоратӣ барои 1м$^3$ – 59,40 сомонӣ».

2. Нархномаи хизматрасонии идоракунии фонди манзил дар ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе бетағйир дар сатҳи нархномаи амалкунанда қарор дода шавад.

3. Назорати иҷрои қарори мазкур ба зиммаи муовини Раиси ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе сарпарасти соҳа гузошта шавад.

Ф. Усмонзода

Дуруст